# МАЪЛУМОТ
# ОИД БА ФАЪОЛИЯТИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН» ДАР НИМСОЛАИ АВВАЛИ СОЛИ 2023

***Бо ташаббуси Ҳукумати мамлакат ва дастгирии ҳамаҷонибаи ҷомеаи илмии кишвар ба фаъолият оғоз намудани Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба роҳ мондани таълифи рисолаҳои илмӣ бо забони тоҷикӣ дар ҳамаи соҳаҳои илм иқдоми саривақтӣ мебошад.***

***Вале таъкид менамоям, ки дар ин раванд, на ба миқдор, балки бештар ба сифати рисолаҳои илмии анҷомёфта таваҷҷуҳ зоҳир гардад. Рисолаҳои донишмандон ва муҳаққиқону унвонҷӯён бояд дар сатҳи баланди илмии ҷавобгӯй ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ таълиф шаванд, то ки дар пешрафту ғановати забони илмии тоҷикӣ саҳми сазовор гузоранд.***

Эмомалӣ Раҳмон

## *1. Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: мақсад ва вазифаҳо*

Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (минбаъд – Комиссия) зодаи замони соҳибистиқлолии кишвар буда, бо ташаббус ва дастгирии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар фазои илми кишвар соли 2014 арзи ҳастӣ намуд.

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи таъсиси Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 12 августи соли 2014, №255 ба имзо расид ва баъди бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2015, №377 таъйин шудани роҳбари муассиса Низомнома ва сохтори Комиссия тасдиқ гардида, Комиссия ба фаъолият шуруъ намуд.

Фаъолияти амалии Комиссия дар самти аттестатсияи кормандони илмӣ ва илмӣ-техникии тахассуси олӣ аз соли 2016 оғоз гардида, нахустин диссертатсияҳо ва парвандаҳои аттестатсионӣ аз шуроҳои диссертатсионии назди муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ барои дарёфти дараҷаҳои илмӣ ва бастаи ҳуҷҷатҳо аз шуроҳои олимон (илмӣ)-и муассисаҳои мазкур барои дарёфти унвонҳои илмӣ, нострификатсияи (баробарарзишӣ)-и дипломҳои дараҷаҳои илмии дар хориҷи кишвар дарёфтгардида ва азнаваттестатсиякунонии дипломҳои дараҷаҳои илмие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо он кишварҳо шартномаҳо оид ба эътирофи мутақобилаи дипломҳои дараҷаҳои илмиро надорад, аз охири соли 2017 ворид шудан гирифтанд.

Принсипҳои асосии фаъолияти Комиссияро риояи қонуният, воқеъбинӣ, шаффофият ва беғаразӣ ташкил медиҳад. Дар доираи муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии амакунандаи соҳа Комиссия кӯшиш мекунад, ки парвандаҳои аттестатсионӣ ва диссертатсияҳои воридшуда ҳаматарафа ва воқеъбинона баррасӣ ва баҳогузорӣ карда шаванд.

## *2. Доир ба шуроҳои экспертӣ (ШЭ), шуроҳои диссертатсионӣ (ШД) ва ҳимояҳои якдафъаина*

Шурои экспертӣ (минбаъд - ШЭ) мақоми илмӣ-ҷамъиятӣ буда, барои баррасии масъалаҳои вобаста ба аттестатсияи кормандони илмӣ ва илмӣ-техникии тахассуси олӣ аз ҷониби Комиссия таъсис дода мешавад, ки дар низоми аттестатсияи кормандони илмӣ ва илмӣ-техникии тахассуси олӣ нақши муҳим дорад. Айни ҳол дар назди шуъбаҳои аттестатсионии Комиссия 15 ШЭ амал мекунанд, аз ҷумла, дар самти илмҳои табиӣ-математикӣ ва техникӣ 5 ШЭ (самтҳои илмҳои Химия, технологияҳои химиявӣ ва металлургия; Техникӣ ва технология; Математика, механика ва информатика, Физика ва астрономия; Заминшиносӣ), дар самти илмҳои тиббӣ, фарматсевтӣ, биологӣ, байторӣ ва аграрӣ 3 ШЭ (самтҳои илмҳои Тиббӣ, тандурустӣ ва фарматсия; Биология ва экология; Кишоварзӣ ва байторӣ) ва дар самти илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ 7 ШЭ (самтҳои илмҳои Таҳсилот; Ҳуқуқшиносӣ; Таърих, мардумшиносӣ ва бостоншиносӣ; Иқтисодиёт ва соҳибкорӣ; Забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, рӯзноманигорӣ ва тарҷумонӣ; Фалсафа, сотсиология ва сиёсатшиносӣ; Санъат ва варзиш).

Дар давраи ҳисоботӣ бо қарорҳои дахлдори Раёсати Комиссия ба ҳайати ШЭ самти илмҳои Забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, рӯзноманигорӣ ва тарҷумонӣ; Таърих, мардумшиносӣ ва бостоншиносӣ, Санъат ва варзиш тағйиру иловаҳои зарурӣ ворид гардид. Ин раванд минбаъд низ идома хоҳад ёфт.

Аз ибтидои фаъолияти Комиссия то 30 июни соли 2023 барои таъсиси **шуроҳои диссертатсионӣ (ШД)** аз муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ба Комиссия 248 дархост ворид гардидааст, ки аз онҳо 132 дархост қонеъ, 115 дархост бо сабаби ҷавобгӯ набудан ба талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда рад шудаанд ва 1 дархости дигар дар баррасӣ қарор дорад. Айни замон, дар назди муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олии касбии кишвар **74 ШД** таъсис дода шудааст, ки аз рӯйи **180 ихтисос** барои дарёфти дараҷаҳои илмии номзади илм, доктори илм ва доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос диссертатсияҳоро қабул ва баррасӣ менамоянд.

Бояд гуфт, ки муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олии касбии кишвар дар самти таъсиси шуроҳои диссертатсионӣ иқтидору имконоти мавҷудаи илмии худро тақрибан пурра истифода намудаанд, ҳоло дар баррасии Комиссия танҳо дархостномаи Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода оид ба таъсиси шурои диссертатсионӣ қарор дорад.

Дар асоси дастуру ҳидоятҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид баҳри пешбурди таҳқиқоти диссертатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилоятҳо дар назди Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ва Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент шурои муштараки диссертатсионии 6D.КОА-025 таъсис дода шуда буд. Аз замони таъсис то имрӯз дар шурои мазкур 6 диссертатсия ҳимоя шуда, барои баррасӣ ба Комиссия ворид гардидааст, аз ҷумла, 2 диссертатсия бинобар ба талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа ҷавобгӯ будан тасдиқ шудааст.

Таҳлили дигар диссертатсияҳои воридшуда нишон дод, ки шурои мазкур ба амалҳои номатлубу барои илм бегона даст зада, барои расидан ба ҳадафҳои ғаразнок дидаю дониста, ба сохтакории интишороти илмии довталабон ва дигар ҳуҷҷатҳо машғул шудааст.

Дар ин асос, бо фармоиши раиси Комиссия аз 05 майи соли 2023, №96/шд фаъолияти шурои муштараки диссертатсионии 6D.КОА-025 назди Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ва Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент боздошта шуд.

Ташкили **ҳимояи якдафъаинаи** диссертатсияҳое, ки аз рӯйи ихтисосҳои онҳо дар ҷумҳурӣ ШД вуҷуд надоранд, самти дигари фаъолияти Комиссия мебошад. Дар ин самт низ аз ҷониби Комиссия корҳои зиёде анҷом дода шуда, то имрӯз ба Комиссия 180 дархост ворид гардидааст, ки аз он 160 дархост қонеъ карда шудааст. **Дар давраи ҳисоботӣ** аз ҷониби муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олии касбии кишвар ба Комиссия ҷиҳати ташкили ҳимояи якдафъаина 20 дархост ворид гардида, 10 дархост тасдиқ шудааст ва 4 дархост дар баррасӣ қарор дорад. Аз ин шумора 11 дархост ба самти илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ; 4 дархост ба самти илмҳои тиббӣ, фарматсевтӣ, биологӣ, байторӣ ва аграрӣ ва 5 дархости дигар ба самти илмҳои табиӣ-математикӣ ва техникӣ рост омадааст.

## *3. Доир ба дараҷаҳои илмӣ*

Дар самти ҳимояи диссертатсияҳо аз ибтидои фаъолияти Комиссия то 30 июни соли 2023 аз ШД барои дарёфти дараҷаҳои илмӣ 2112 парвандаи аттестатсионӣ ва диссертатсия ворид шудааст. Аз ин теъдод 170 парванда барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм, 1790 парванда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ва 152 парванда барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос мебошад. Аз шумораи умумии парвандаҳои аттестатсионӣ ва диссертатсияҳои воридшуда **1694 диссертатсия тасдиқ шудааст**, ки аз он 144 парванда барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм, 1437 парванда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ва 113 парванда барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос мебошад. Дар маҷмуъ, то имрӯз **233 қарорҳои ШД** доир ба додани дараҷаи илмӣ бинобар ҷавобгӯ набудан ба талаботи муқарраршуда **бекор карда шудааст**. Аз 233 диссертатсияи радшуда 112-тоашро диссертатсияҳои ба забони тоҷикӣ ҳимояшуда ва 121-тоашро диссертатсияҳои ба забони русӣ ҳимояшуда ташкил медиҳанд.

Зимнан, дар давраи ҳисоботӣ ба Комиссия 470 парвандаи аттестатсионӣ ва диссертатсия ворид гардидааст, ки аз он 255 парвандаи аттестатсионӣ ва диссертатсия тасдиқ, 30 парванда рад ва 185 парвандаи дигар дар баррасии шуъбаҳои аттестатсионӣ ва ШЭ қарор доранд.

Ҳамин тавр, то 30 июни соли 2023 дар ШД ба **45 нафар шаҳрвандони хориҷӣ**, аз ҷумла шаҳрвандони Ӯзбекистон, Қазоқистон, Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Туркия, Арабистони Саудӣ, Ҷумҳурии Халқии Хитой ва ғайра (дар самти илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ – 29 нафар; самти илмҳои тиббӣ, фарматсевтӣ, биологӣ, байторӣ ва аграрӣ – 10 нафар ва самти илмҳои табиӣ-математикӣ ва техникӣ – 6 нафар) дараҷаи илмь дода шудааст.

**621 нафар занон** (244 нафар занҳои синнашон то 35-сола ва 377 нафар аз 35-сола боло) диссертатсия ҳимоя кардаанд.

Инчунин, ба 376 нафар кормандони муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, 1318 нафар омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва 47 нафар шахсони мансабдори ҳокимияти давлатӣ ва хизмати давлатӣ дараҷаи илмӣ дода шудааст.

Алҳол дар ҷумҳурӣ **5545 нафар дорои дараҷаи илмӣ** буда, 877 нафар доктори илм, 4548 нафар номзади илм ва 120 нафари дигар доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос мебошанд.

Ҳамин тавр, дар ҷумҳурӣ синну соли миёнаи доктори илм ба 65, номзади илм ба 51 ва доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос ба 32 рост меояд.

## *4. Доир ба унвонҳои илмӣ*

Самти дигари асосии фаъолияти Комиссия додани унвонҳои илмӣ (дотсент ва профессор) мебошад. Дар ин самт аз ҷониби Комиссия корҳои зиёде ба анҷом расонида шудааст. Ҳамин тавр, аз ибтидо то 30 июни соли 2023 ба Комиссия аз тарафи муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ҳамагӣ 867 дархост (87 дархост барои дарёфти унвони илмии профессор) ворид шудааст, ки аз онҳо 633 дархост (аз ҷумла 64 дархост барои унвони профессорӣ) қонеъ, 178 дархост рад ва 56 дархост дар баррасӣ қарор доранд. **Дар давраи ҳисоботӣ** ба Комиссия аз тарафи муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ҳамагӣ 161 дархост (10 дархост барои дарёфти унвони илмии профессор) ворид шудааст, ки аз онҳо 97 дархост қонеъ (7 дархост барои унвони профессорӣ), 14 дархост рад ва 50 дархост дар баррасӣ қарор дорад.

Бояд қайд намуд, ки гарчанде дар ин самт натиҷаҳои муассисаҳо чандон назаррас набошанд ҳам, вале сифати пешниҳодҳо ва натиҷаҳои илмиву методии довталабон зина ба зина беҳтар гардида, бастаи ҳуҷҷатҳои ба Комиссия воридшаванда низ тадриҷан ба низоми муайян медароянд.

## *5. Доир ба баробарарзишӣ ва азнаваттестатсиякунонӣ*

Аз ибтидои фаъолият то кунун барои баробарарзишии ҳуҷҷатҳо ба Комиссия 68 дархост ворид гардида, 64 дархости мутобиқи талабот мураттабшуда тасдиқ, 3 дархост рад ва 1 дархост дар баррасӣ қарор дорад. Дар давраи ҳисоботӣ бошад, ба Комиссия 3 дархости баробарарзишии ҳуҷҷатҳо ворид гардида, 1 дархост рад ва 2 дархост тасдиқ шудааст.

Барои азнаваттестатсиякунонии соҳибони дипломҳои дараҷаҳои илмии дар давлатҳои хориҷӣ бадастовардашуда, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо он давлатҳо дар хусуси эътирофи баробарарзишии ин гуна ҳуҷҷатҳо созишнома ба имзо нарасонидааст, аз ибтидо ба Комиссия 9 дархост ворид шудааст, ки аз онҳо 7 дархост тасдиқ гардида, 1 дархост бозхонд ва 1 дархости дигар дар баррасӣ қарор дорад.

Бояд ёдовар шуд, ки то имрӯз 180 шиносномаи ихтисосҳои илмии барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм, доктори илм ва доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос таҳиянамудаи ШД дар Комиссия мавриди баррасӣ қарор гирифта, бо қарори Раёсати Комиссия тасдиқ гардидаанд, ки ШД ва ШЭ фаъолияти худро аз рӯйи ин шиносномаҳо ба роҳ мондаанд. Зимнан, пас аз тасвиби қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 аксарияти шиносномаи ихтисосҳо бознигарӣ шуданд.

Дар давраи ҳисоботӣ дар асоси дастуру супоришҳои Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати рушди илмҳои дақиқ, математикӣ ва техникӣ аз ҷониби шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ - математикӣ ва техникӣ тадбирҳои иловагӣ андешида шуд. Бояд тазаккур дод, ки бинобар нокифоя будани иқтидори илмӣ дар ҷумҳурӣ доир ба баъзе аз ихтисосҳои илмҳои дақиқ, математикӣ ва техникӣ таъсис додани ШД ғайриимкон аст. Бинобар ин, дар ин гуна ҳолатҳо ин ё он диссертатсияҳое, ки ШД ҳуқуқи ба ҳимоя қабул карданро надоранд, бо ворид кардани мутахассисон, теъдоди зарурии докторон ё номзадҳои илм, аз дигар муассисаҳои илмӣ ба ҳайати ШД ҳимояи якдафъаина ташкил карда мешаванд.

## *6. Маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшаванда*

Яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти Комиссия таҳияи Феҳрист ва мониторинги маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз рӯйи самти омода кардани доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос, номзадҳои илм ва докторҳои илм ба чоп расонида мешаванд. Дар ин самт низ аз ҷониби Комиссия корҳои муайяне анҷом шуданд.

Ҳамин тариқ, аз ибтидои фаъолият то 30 июни соли 2023 ба Комиссия барои шомил намудан ба Феҳристи маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-Феҳрист) 59 дархост ворид гардида, 49-тои он тасдиқ ва 9 дархости дигар рад карда шудааст. Дар давраи ҳисоботӣ 1 дархост барои шомил шудан ба Феҳрист ба Комиссия ворид гардида, мавриди омӯзиш қарор дорад.

Бо мақсади санҷиши мутобиқати маҷаллаҳои илмӣ ба талаботи Қоидаҳои таҳияи Феҳристи маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Раёсати Комиссия аз 27 апрели соли 2017, №1/2) ба таври мунтазам аз ҷониби шуъбаҳои аттестатсионӣ дар якҷоягӣ бо ШЭ мониторинги муҳтавои маҷаллаҳои илмӣ гузаронида мешавад. Тибқи муқаррароти «Феҳристи маҷаллаҳои (нашрияҳо) тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (қарори Раёсати Комиссия аз 30 сентябри соли 2021, № 7), мазмуну муҳтаво ва ҳайати таҳририяи маҷаллаҳои ба ин Феҳрист шомилбуда бояд мунтазам аз экспертизаи мутахассисони соҳавӣ гузаронида шаванд. Бо назардошти ин, Комиссия маҷаллаҳои илмии ба Феҳрист шомилбударо барои баррасии воқеъбинонаи мутахассисони соҳавӣ ирсол намуд.

Ҳамзамон, бо қарори Раёсати Комиссия аз 24 ноябри соли 2022, №9 бинобар иштироки мутахассисони хориҷӣ дар аттестатсияи кормандони илмӣ ва илмӣ-техникии тахассуси олии ҷумҳурӣ маҷаллаҳо (нашрияҳо)-и илмии тақризшавандаи кишварҳои хориҷӣ, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ чоп мешаванд, эътироф карда шуданд.

## *7. Таҳия ва коркарди санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти Комиссия*

Тибқи супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 январи соли 2023, № 1457 (26.5) лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 «Дар бораи Низомномаи шурои диссертатсионӣ, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва Тартиби додани унвонҳои илмӣ» баъд аз мувофиқаи ниҳоӣ бо мақомоту идораҳои дахлдори давлатӣ барои баррасӣ ба унвонии Дастгоҳи

иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 18 марти соли 2023 манзур гардид.

Дар робита ба дастури Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2023, № 6688 (26.5) лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника» ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои баррасӣ ва манзури хулоса пешниҳод гардида, ба истиснои Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз дигар мақомоту идораҳои давлатӣ хулосаҳои мусбат дастрас гардид.

Хушоянд аст, ки санаи 26 июни соли ҷорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳа тасдиқ гардиданд ва онҳо барои пешрафти фаъолият мусоидат менамоянд.

Дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби Комиссия бо мақсади таъмини иҷрои банди 15 Нақшаи кории Комиссия дар соли 2023, ба низом даровардани раванди фаъолияти кормандон оид ба масъалаҳои дар назди Комиссия гузошташуда, таъмини интизоми меҳнат, такмил додани шароити сохторию иқтисодӣ барои кори муътадилу маҳсулнок ва мавҷуд будани муносибати оқилона ва меҳнати поквиҷдонона дар Комиссия як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия ва тасдиқ карда шуданд. Аз ҷумла, Дастурамали коргузорӣ дар Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи шуъбаҳои аттестатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи шуъбаи ташкилӣ-молиявӣ ва ҳуқуқи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи

дохилиидоравии зиддикоррупсионӣ дар Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023 – 2024, Тартиби иштироки маҷозӣ (on-line) дар ҷаласаи шурои диссертатсионӣ, Дастурамали посбонӣ дар Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дастурамали мансабии пешбарандаи коргузории махфии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низоми гузаргоҳ дар Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи мақоми низоми махфияти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарорҳои дахлдори Раёсати Комиссия ва фармоиши раиси Комиссия ба тасвиб расид.

## *8. Корҳои машваратӣ-тарғиботӣ қабул ва баррасии муроҷиатҳои шаҳрвандон*

Фаъолияти Комиссия дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ, расонаҳои хабарии ҷумҳуриявӣ ва сомонаи он мавриди таҳлил ва инъикоси амиқ қарор дода шуда, пешкаши омма гардонида мешавад.

Дар Комиссия рӯзҳои қабули шаҳрвандон оид ба масъалаҳои марбут ба аттестатсияи кормандони илмӣ ва илмӣ-техникии тахассуси олӣ аз тарафи раиси Комиссия, муовини раис, саркотиби илмӣ ва мудирони шуъбаҳои аттестатсионии Комиссия муқаррар карда шудааст, ки шаҳрвандон тибқи он ҳамарӯза қабул карда шуда, ба саволҳои худ ҷавобҳои мушаххас мегиранд. Илова бар он, ба муроҷиатҳои шаҳрвандон тариқи почтаи электронӣ ва телефонӣ сари вақт ҷавоб гардонида мешавад.

Дар асоси дастури Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 январи соли 2022, №30/10-3 то санаи 5-уми ҳар моҳ доир ба муроҷиати шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеӣ иттилооти зарурӣ таҳия ва ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристода мешавад.

Дар давраи ҳисоботӣ фаъолияти Комиссия дар расонаҳои хабарии ҷумҳуриявӣ низ мавриди таҳлил ва инъикоси амиқ қарор дода шуд. Санаи 10 феврали соли 2023 дар Комиссия бо иштироки васеи хабарнигорони васоити ахбори оммаи кишвар нишасти

матбуотӣ баргузор гардид. Дар нишаст раиси Комиссия Розиқзода А. бо гузориши мухтасар ва пурмуҳтаво тариқи слайд дар назди ҳозирин оид ба фаъолияти муассиса гузориш дода, ба саволҳои хабарнигорон посухҳои дақиқу мушаххас гардонид, ки он аз ҷониби намояндагони васоити ахбори омма мусбат истиқбол гардид.

Дар робита ба иҷрои супориши протоколии Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа Насриддинзода Э.С. аз 14 марти соли 2023, №16/10-30 дар бораи моҳият ва арзишҳои волои ҷашни Наврӯз бо шуроҳои диссертатсионӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ мунтазам гузаронида мешаванд. Аз ҷумла, то имрӯз дар шуроҳои диссертатсионӣ 5 диссертатсия дар ин мавзуъ ҳимоя ва довталабон соҳиби дараҷаи илмӣ гардиданд. Ҳамчунин, диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 - Фолклоршиносӣ ҳимоя гардид.

Кормандони Комиссия 19 марти соли 2023 тариқи барномаи «Нигоҳ» аз телевизиони «Тоҷикистон» оид ба таърих, ойинҳои наврӯзӣ, зиндашавии табиат дар ин айём ва саҳми Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар эҳё ва ҷаҳонӣ шудани ин ҷашни аҷдодӣ суҳбати таҳлилӣ намуданд, ки он дар рӯзҳои таҷлили Наврӯз батакрор намоиш дода шуд.

Ҳамзамон, мақолаҳои раиси Комиссия дар сомонаи Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон «Ховар», ҳафтаномаю нашрияҳои «Ҷумҳурият», «Садои мардум», «Народная газета», «Ҷавонони Тоҷикистон», «Адабиёт ва санъат», «Хатлон», «Новый Хатлон», «Ҳақиқати Суғд», «Минбари халқ» ва «Мароми пойтахт» вобаста ба Паёми Пешвои миллат ба Маҷлиси Олӣ, ҷойгоҳи Наврӯз дар тамаддуни башар, мавқеи занон ва дастгирии онҳо дар сиёсати Пешвои муаззами миллат ва ҷалби ҷавонон ба илм нашр гардиданд.

Дар давраи ҳисоботӣ монографияи раиси Комиссия А.Розиқзода таҳти унвони «Агентии сиёсии Россия дар Бухоро: таъсис, фаъолият ва сукут» интишор гардид.

Ба ифтихори ҷашнҳои миллӣ – Наврӯзи бостонӣ, Рӯзи Модар, Рӯзи матбуоти тоҷик ва Рӯзи ваҳдати миллӣ аз номи Комиссия ба як қатор вазорату идораҳо номаҳои табрикотӣ ирсол шуд.

Бо мақсади иҷро намудани дастуру ҳидоятҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати расондани кумаки моддӣ ва маънавӣ ба ятимону

бепарасторон ва маъюбону барҷомондагон Комиссия як миқдор маводи хӯрокворӣро ба Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии саломатии равонии кӯдакон ва наврасон» дар арафаи ҷашни Наврӯз, иди Рамазон ва иди Қурбон тақдим кард.

Ҳамчунин, дар рӯзҳои ҷашни фархундаи Наврӯз кормандони Комиссия бо аҳли оила дар тантанаҳои идонаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе, ки дар боғҳои фароғатию истироҳатии «Фирдавсӣ», «Садриддин Айнӣ», «Кӯли ҷавонон» ва «Куруши Кабир» баргузор гардиданд, ширкати фаъолона доштанд.

Санаи 04 июли соли 2023 саркотиби илмии Комиссия Маъруфӣ Р.Н. ва мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои тиббӣ, фарматсевтӣ, биологӣ, байторӣ ва аграрии Комиссия Базаров Ш.Э. тариқи барномаи «Маърифат»-и Радиои Тоҷикистон доир ба сиёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти аттестатсияи кормандони илмӣ ва илмӣ-техникии тахассуси олӣ, таҷлили ҷашни миллии Тиргон ва фаъолияти Комиссия дар самти амалӣ намудани сиёсати маорифпарварона ва илмдӯстонаи Пешвои муаззами миллат баромад намуданд.

Дар доираи нақшаи чорабиниҳои Комиссия бораи соли 2023 ҷиҳати татбиқи Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва татбиқи нақшаи чорабиниҳои амалисозии он 8 феврали соли 2023 мулоқоти кормандони Комиссия бо подполковники адлия Турсунзода Шодком Худоймурод – сардори шуъбаи муқовимат ба коррупсияи Раёсати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе баргузор гардид. Баланд бардоштани самаранокии кори комиссияҳои ҷамъиятии дохилиидоравӣ, амалӣ намудани тарғиботи ҳатмии оммавии зиддикоррупсионӣ тавассути воситаҳои ахбори омма, матбуоти даврӣ ва шабакаи интернет ва бо мақсади тақвият бахшидани муқовимат ба коррупсия рушди муназзами сомонаи расмии Комиссия ва интишори маълумот оид ба пешгирии коррупсия аз ҷумлаи афзалиятҳои муҳим маънидод карда шуд.

Бо ташаббуси Комиссия санаи 10 марти соли 2023 ҷаласаи машваратии роҳбарияти Комиссия бо иштироки сардори шуъбаи муқовимат ба коррупсияи Раёсати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе Турсунзода Шодком Худоймурод, раисон ва

котибони илмии шуроҳои диссертатсионӣ баргузор гардид. Раиси Комиссия падидаҳои номатлуб ва камбудиҳои зиёди такроршавандаро дар танзим ва барасмиятдарории диссертатсия ва парвандаҳои диссертатсионӣ дар баъзе шуроҳои диссертатсионӣ номбар намуд.

Вобаста ба тарғиб ва шарҳу тавзеҳи мазмуну муҳтавои Паёми Сарвари давлат тибқи нақшаи кории Комиссия бо ҳайати олимону профессорон, магистрантону аспирантон, докторанту унвонҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ вохӯриҳою суҳбатҳои муфид анҷом дода шуд.

Чун анъана, дар Комиссия панҷшанбеи сеюми ҳар моҳ ба довталабони дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ диплому шаҳодатномаҳо ба таври тантанавӣ супорида мешаванд. Дар рафти он аз ҷониби роҳбарияти Комиссия дастуру ҳидоятҳои Пешвои муаззами миллат, ки аз Паём бармеоянд, ба самъи довталабон расонида шуда, пиромуни сиёсати маорифпарварона ва илмдӯстонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон суҳбатҳои муфид сурат мегиранд, ки бешубҳа аз манфиат холӣ нест.

Дар доираи супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Раҳмон Озода Эмомалӣ аз 03 марти соли 2023, №26/10-101 як қатор тадбирҳои муассир андешида шуданд. Аз ҷумла, ҳамаи масъалаҳои дар мактуб зикргардида дар машварати кории раиси Комиссия бо раисон ва котибони илмии шуроҳои диссертатсионии амалкунандаи назди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмию таҳқиқотӣ санаи 10 марти соли 2023 мавриди баррасии ҳаматарафа қарор гирифта, қатъӣ талаб карда шуд, ки минбаъд дар интихобу тасдиқи мавзуъҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ супориши болозикр ба роҳбарӣ гирифта шавад. Таъкид гардид, ки нововбаста ба самт, дар ҳамаи таҳқиқоти диссертатсионӣ минбаъд бояд аз нақши мондагори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳури Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар пешрафти ҷомеа таъкидҳои илман асоснок сурат гирад.

Яке аз дастовардҳои назарраси илмӣ дар давраи ҳисоботӣ бо қарори Ҳукумати Федератсияи Россия аз 28 феврали соли 2023, №475-р ба тасвиб расидани Созишнома байни Ҳукумати Федератсияи Русия ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи эътирофи мутақобилаи дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ маҳсуб

меёбад. Тибқи моддаҳои 4 ва 5 Созишнома, дараҷаи илмии номзади илм, ки дар Федератсияи Русия дода шудааст ва дараҷаи илмии номзади илм, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифта шудааст, баробарарзиш эътироф мешаванд. Ин талабот ба унвонҳои илмии дотсент ва профессор низ алоқаманд аст.

Мавриди зикри хос аст, ки ин дастовард дар соҳаи илм бо ташаббус ва иқдоми бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва ҳамкории муассири ниҳодҳои дахлдор амалӣ гардид.

Санаи 19 майи соли 2023 дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон семинари ҷумҳуриявӣ дар мавзуи истифодаи дурусти Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ доир гардид, ки дар кори он се нафар кормандони масъули Комиссия Маъруфӣ Р.Н.-саркотиби илмӣ, Ҳамидиён И.И.-сармутахассиси шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ ва Шарифов Ҷ.-мутахассиси пешбари шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ, математикӣ ва техникӣ иштирок намуданд. Ному насаб яке аз омилҳои асосӣ ва муайянкунандаи худшиносии миллӣ барои ҳар шаҳрванд ва миллату давлат маҳсуб меёбад. Ҷойи таъкид ва таассуф аст, ки ҳанӯз ҳам дар ному насаби баъзе олимони мо, махсусан дар соҳаи филология, унсурҳои ғайримиллӣ ва як навъ омилҳои беҳурматӣ нисбат ба забони давлатӣ баръало мушоҳида мегарданд. Ин масъала бояд ҳарчи зудтар роҳи ҳалли худро пайдо намояд.

Бо мақсади амалӣ намудани Нақшаи кории Комиссия барои нимсолаи якуми соли 2023 санаи 15 июн дар маҷлисгоҳи муассиса бо иштироки котибони илмии шуроҳои диссертатсионӣ семинар-машварат доир гардид. Дар кори семинар-машварат масъалаҳои тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия, парвандаҳои аттестатсионӣ ва омӯзиши масъалаҳои муҳимми аттестатсияи кормандони илмӣ ва илмӣ-техникии тахассуси олӣ баррасӣ гардиданд.

Муҳокимаю баррасии масъалаҳо, саволу ҷавоб ва баҳсу табодули афкори котибони илмии шуроҳои диссертатсионӣ гувоҳи он буд, ки чунин семинар-машварат саривақтӣ ва зарурӣ ташкил шудааст.

Санаи 10-уми июли соли равон дар маҷлисгоҳи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров бо иштироки

аҳли зиё, профессорон ва аъзои шуроҳои диссертатсионии муассисаи таҳсилоти олии касбии вилояти Суғд семинари таълимӣ бо мақсади омӯзиши Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267” баргузор гардид. Дар доираи баргузории ҷаласаи ғайринавбатии шурои диссертатсионии 6D.КОА-013 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон чунин семинари муфиди илмӣ дар донишгоҳи мазкур бо иштироки Маъруфӣ Расул Нурмуҳаммад - саркотиби илмии Комиссия ташкил ва доир гардид.

Дар давраи ҳисоботӣ бо иштироки раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ Убайдулло Қурбонзода – 2 маротиба (17 январ ва 20 июн) маҷлиси ташкилоти ибтидоии ҳизбии Комиссия – “Ҳикмат” аз рӯйи 10 масъала доир гардида, қарорҳои дахлдор қабул шуданд. Аз ҷумла, масъалаҳои пазируфтани кормандони ҷавони Комиссия ба узвияти ҳизб ва бо Ифтихорнома ва Сипосномаи КИ ҲХДТ дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ қадрдонӣ намудани як қатор аъзои фаъоли ҳизб ҷиҳати риояи Оинномаи ҳизб, Барномаҳои ҳизбӣ, Одобномаи корманди ҲХДТ, дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳа ва хизмати шоиста дар самти аттестатсияи кормандони илмӣ ва илмӣ-техникии тахассуси олӣ муҳокима гардиданд.

Мавриди зикри хос аст, ки бо мақсади татбиқи амалии қонунгузории мамлакат дар назди Комиссия 4 комиссияи идоравӣ – Комиссия оид ба татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», Комиссия оид ба татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Комиссия оид ба татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Комиссия оид ба муқовимат бо коррупсия таъсис ёфтааст. Комиссияҳои мазкур фаъолияти мунтазам ва нақшаи чорабиниҳои алоҳида дошта, дар самти худ корбарӣ мекунанд.

Доир гардидани ҷаласаҳои идона ба ифтихори ҷашнҳои пуршукӯҳи миллӣ аз ҷумлаи дигар анъанаҳои нек аст, ки мунтазам роҳбарияти Комиссия онҳоро доир менамояд.

Мувофиқи ҷадвали басти вазифавии кормандон дар соли 2023 барои Комиссия 39 воҳиди корӣ пешбинӣ шудааст, ки аз онҳо 30 нафар кормандони асосӣ ва 9 нафар ҳайати хизматрасон мебошанд.

Алҳол аз 30 воҳиди кории кормандони асосӣ 23 воҳиди корӣ пурра буда, 7 воҳиди кории дигар холӣ боқӣ мондааст, ки аз ин ҳисоб 3 воҳиди корӣ ба шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-математикӣ ва техникӣ ва 4 воҳиди корӣ ба шуъбаи аттестатсионии илмҳои тиббӣ, фарматсевтӣ, биологӣ, байторӣ ва аграрӣ тааллуқ дорад. Дар Комиссия 16 нафар кормандони дараҷаи илмидошта кор мекунанд, ки аз онҳо 7 нафар докторҳои илм ва 9 нафар номзадҳои илм мебошанд.

Дар давраи ҳисоботӣ 242 нафар сазовори дараҷаҳои илмӣ шуданд, аз ҷумла 23 нафар дипломи дараҷаи илмии доктори илм, 24 нафар дипломи дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос ва 205 нафар дипломи дараҷаи илмии номзади илм дарёфт намуданд. Ҳамзамон, ба 96 нафар шаҳодатномаҳои унвонҳои илмӣ, аз ҷумла ба 6 нафар шаҳодатномаи унвони илмии профессор ва ба 90 нафар шаҳодатномаи унвони илмии дотсент дода шуд.

## *9. Андешаҳо перомуни аттестатсияи кормандони илмӣ ва илмӣ-техникии тахассуси олӣ*

- сарфи назар аз таъкидҳои чандинкаратаи Комиссия, ҳоло ҳам дар фаъолияти ШД падидаҳои хунукназариву бемасъулиятӣ мушоҳида гардида, расмиёти ҳимоя ва тартиби барасмиятдарории парвандаи аттестатсионӣ ва диссертатсия дағалона вайрон карда мешавад. Аз ин рӯ, роҳбарони муассисаҳо, ки барои мутобиқати ҳайат ва фаъолияти ШД масъул мебошанд, бояд назоратро дар ин самт пурзӯр намоянд;

- масъалаи такроршавии мавзуъҳои рисолаҳои илмии ҳимояшаванда дар шуроҳои диссертатсионии назди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмию таҳқиқотӣ ҷой дорад ва ба ин мушкилӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмию таҳқиқотии кишвар воқеан муносибати саҳлангорона ба мушоҳида мерасад, зеро мавзуъҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар кафедра ва шуъбаҳои муассисаҳо интихоб ва тасдиқ мегарданд. Ин тамоюл дар самти илмҳои педагогӣ бештар ба мушоҳида мерасад;

- баъзе диссертатсияҳои аз забони русӣ ва форсӣ ба забони тоҷикӣ баргардон ва ҳимояшуда ошкор гардида, бо қарорҳои дахлдори Раёсати Комиссия рад гардиданд. Илова бар ин, тибқи таҳлилҳо бисёр мавзуъҳое, ки интихоб, таҳқиқ ва ҳимоя мешаванд, аксаран ба самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмӣ-техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2020, №503 тасдиқ гардидааст, мутобиқат намекунанд. Зиёда аз ин, мазмуну муҳтавои як қатор диссертатсияҳо ноқис буда, барои рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат ва ҳалли мушкилоти ҷомеа бо назардошти манфиатҳои миллӣ мувофиқ ва муносиб нестанд;

- ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки мавзуъ ва мазмуну муҳтавои баъзе диссертатсияҳои ҳимояшуда ба принсипҳои дунявият, пояҳои давлатдорӣ, асосҳои сохти конститутсионӣ ва фарҳанги миллӣ мухолифат дошта, барангезандаи ихтилофоти мазҳабӣ ва фарогири ақидаҳои экстремистӣ мебошанд. Чунин диссертатсияҳо дар асоси хулосаҳои мақомоти марбутаи давлатӣ бо қарорҳои Раёсати Комиссия рад карда мешаванд;

- бо мақсади татбиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2020, №503 оид ба самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмӣ-техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, мусоидат ба рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат, ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва ҳалли мушкилоти ҷомеа пешниҳод мегардид, ки ҷиҳати пешгирии такроршавӣ ва монандиҳои мавзуъҳо пеш аз тасдиқ шудан дар кафедра ва шуъбаҳои марбута аз махзани ягонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шаванд;

- ҳангоми таълифи диссертатсияҳо бо забони давлатӣ бояд талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатӣ» риоя карда шавад;

- барои таҳқиқоти илмӣ, пеш аз ҳама, мавзуъҳои мубрам, созгор ба ҳадафҳои стратегии рушди миллӣ, ҷавобгӯ ба ниёзҳои иқтисоди миллии мамлакат ва ифодакунандаи манфиатҳои миллию давлатӣ интихоб карда шаванд;

- роҳҳои ҳавасмандгардонӣ ва ҷалби ҳарчи бештари ҷавонони соҳибистеъдод ба таҳқиқот махсусан дар самти илмҳои табиӣ-математикӣ ва техникӣ дарёфт гардад;

- роҳбарони муассисаҳое, ки дар назди онҳо ШД фаъолият мекунанд, назоратро аз болои фаъолияти шуроҳо пурзӯр намуда, ба таври мунтазам ҳисоботи раисони ШД-ро дар маҷлиси Шурои олимон мавриди баррасӣ ва муҳокимаи ҷиддӣ қарор диҳанд;

- барои пешгирии амалҳои коррупсионӣ ва дигар тамоюлҳои барои илм бегонаву номатлуб тадбирҳои муассир андешида, бо тақризи тайёр назди муқарризон, муассисаи пешбар ҳозир шудани довталабон бо ҳар роҳу восита пешгирӣ гардад;

- диссертатсияҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ ба таври ҷиддӣ муҳокима гардида, гузориши довталаб дар ҷаласаҳои кафедра, Шурои олимон ва муассисаи пешбар шунида, мавриди баррасӣ қарор дода шаванд;

- ба навгониҳои таҳқиқоти илмӣ, робита ва татбиқи онҳо дар истеҳсолот, пешниҳоди амалӣ ва патенту ихтирооти муаллифӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда шавад;

- ҷиҳати тариқи онлайн мунтазам пахш гардидани ҷараёни ҷаласаҳои шуроҳои диссертатсионӣ чораҷӯӣ карда шавад;

- барои солимгардонии муносибати байни олимон, решакан намудани зиддият, кинаву кудурат, қассосгирии аёну ноаён, маҳалгароӣ ва асосноку беасос арзу шикоятнависӣ аз болои ҳамдигар ба таври мунтазам икдом карда шавад;

- коркарди мафҳумҳои ягонаи илмӣ дар фаъолияти ҳамаи ШД роҳандозӣ гардад;

- масъулияти аъзои комиссияҳои экспертии ШД бо мақсади додани баҳои воқеӣ ба мазмуну мундариҷа ва сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ баланд бардошта шавад;

- масъулияти роҳбарон (мушовирон)-и илмӣ оид ба сифати таҳқиқот ва таҳияи диссертатсияҳо тақвият бахшида шавад;

- баҳогузорӣ намудани муқарризони расмӣ ва муассисаҳои пешбар ба сатҳу сифати диссертатсияҳо воқеъбинона, амиқ ва бо тавсияҳои судманд амалӣ гардад;

- ҳимояи кушоди рисолаҳо дар шакли on-line бо истифодаи видеоконференсия ташкил ва баргузор карда шавад.